ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ НАЗОРАТ ВА ТАНЗИМ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ**

# ФАРМОИШ

аз «15» 12 соли 2023 № 3 ш.Душанбе

"Дар бораи тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии амалисозии Барномаи идоравӣ (соҳавӣ)-и зиддикоррупсионии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар соли 2024"

Бо мақсади иҷрои талаботи банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст ва банди 2 фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.01.2024, №04, тибқи банди 8 Низомномаи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2007, №107 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии амалисозии Барномаи идоравӣ (соҳавӣ)-и зиддикоррупсионии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар соли дар соли 2024 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Воҳидҳои сохтории Хадамот дар асоси Нақшаи чорабиниҳои болозикр, нақшаи чорабиниҳои худро барои соли 2024 таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати амалисозии он чораҳои дахлдор андешида, иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Хадамотро бо ҷамъбасти сол то санаи 15 – уми декабр ба Бахши ҳуқуқи Дастгоҳи марказии Хадамот ҳисобот дар шакли хаттӣ ва ҳомили электронӣ пешниҳод намоянд.
3. Шахси масъул оид ба назорати амалӣ намудани самтҳои асосии "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" мутахассиси Бахши ҳуқуқи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт таъин карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Сардори Хадамот Д. Қурбонзода

*Замима*
*ба фармоиши Сардори*
*Хадамоти давлатии назорат*
*ва танзим дар соҳаи нақлиёт*
*аз «15» 12 соли 2024, №3*

# НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ

**дохилиидоравии амалисозии барномаи идоравӣ (соҳавӣ)-и зиддикорупсионии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар соли 2024” ҷиҳати татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаҳои маъмулӣ)-и дар назардошташуда | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шарҳи мазмуну мундариҷа ва таъмини иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | Ба низом даровардани рафти таъмини иҷрои Стратегия | Давоми сол | Роҳбарият, шуъбаву бахшҳои Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ |
| 2 | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ | Пешгирӣ намудани коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ва Бахши ҳуқуқи Дастгоҳи марказӣ |
| 3 | Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо | Баланд бардоштани руҳияи хизматчиёни ҷавони давлатӣ | Давоми сол | Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ва Бахши ҳуқуқи Дастгоҳи марказӣ |
| 4 | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои иҷозатномадиҳӣ, сертификатсиякунонӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд, инчунин вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳа | Баланд бардоштани мафкураи зиддикорупсионии кормандони соҳа | Мунтазам | Роҳбарият, Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус, Бахши ҳуқуқ, Шуъбаҳои назорат ва танзими хоҷагии роҳҳо, нақлиёти автомобилӣ ва обӣ, нақлиёти роҳи оҳани Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ |
| 5 | Тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа | Бартараф намудани омилҳои инсонӣ | Мунтазам | Роҳбарият, Бахши рақамикунон ва таъминоти техникӣ ва воҳидҳои сохторӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **6** | Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ бахри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин фаъол нигоҳ доштани сомонаи Хадамот | Аз байн бурдани омилҳои инсонӣ | Давоми сол | Роҳбарият, Бахши рақамикунон ва таъминоти техникӣ ва воҳидҳои сохторӣ |
| **7** | Насб намудан ва амалӣ намудани фаъолияти доимии камераҳои мушоҳидавӣ дар бинои Хадамот, воҳидҳои сохторӣ, инчунин дар нуқтаҳои вазнченкунӣ | Ошкор намудани сабаб ва омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва аз байн бурдани онҳо | Мунтазам | Бахши рақамикунон ва таъминоти техникӣ, Бахши хоҷагидорӣ ва воҳидҳои сохторӣ |
| **8** | Гузаронидани таҳлилҳои фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) | Ошкор намудани хавфҳои идоравӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо | Мунтазам | Бахши ҳуқуқ, шуъбаю бахшҳои Дастгоҳи маказӣ ва воҳидҳои сохторӣ |
| **10** | Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо | Беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо ва корҳои маъсус, Бахши ҳуқуқ ва Ташкилоти ибтидоии итифоқи касаба |

***Эзоҳ:***

*1) Бахшу шуъбаҳои Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохтории Хадамот иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои мазкурро дар мӯҳлатҳои пешбинигардида таъмин намуда, оид ба корҳои анҷомдода ба Бахши ҳуқуқи Дастгоҳи марказӣ ахбороти хаттӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод намоянд;*

*2) Бахши ҳуқуқ маълумотҳои заруриро ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намуда, ба Сардори Хадамот манзур намояд.*

Мудири Бахши ҳуқуқ — Сангинов Д.Ш.

Шахси масъул — Қурбонзода Р.